# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти тахассусӣ ва илмии унвонҷӯй Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзӯи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

**Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод** соли 2007 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисод бо ихтиссоси иқтисодчӣ хатм намудааст. Сипас соли 2014 ҳуҷҷатҳояшро ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Данғара супорида онро соли 2019 ба анҷом расонидааст. Фаъолияти омузгориашро аз соли 2016 оғоз намуда ҳамчун омузгор дар кафедраҳои молия ва иқтисод фаъолият намуда истодааст.

**Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод** диссертатсияи номзадиашро дар мавзӯи “**Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** дар Шурои илмии Донишгоҳи давлатии Данғара тасдиқ намудааст. Муҳиммият ва мубрамияти мавзӯи интихоб намудаи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар он таҷассум меёбад, ки рушди иқтидори меҳнатӣ, алалхусус дар иқтисодиёти деҳот, ки қариб 74%-и шумораи умумии аҳолӣ дар он зиндагӣ менамоянд, яке аз шартҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти гузаронидашуда оиди таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернатив дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бамаврид ва саривақтӣ мебошад. Ба ин таркиб ва мазмуни кори иҷрошуда, мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошта шуда, ки мушаххас назария ва амалияи сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативиро дар иқтисодиёти деҳоти ҷумҳурӣ дар бар мегирад, низ шаҳодат медиҳад.

Дар **муқаддима** зарурати мавзӯи диссертатсия асоснок шуда, шарҳи сатҳи коркарди ин мавзӯъ дар адабиёти хориҷиву ватанӣ баён гардида,

мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навовариҳои илмӣ ва зарурати амалии он пешниҳод мегарданд.

Дар боби якум – "Асосҳои назариявии таҳқиқи сиёсати давлатии шуғл ва шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот" масъалаҳои муносибатҳои консептуалӣ доир ба шуғлнокӣ ва сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ, моҳият ва сохтори иқтисодиёти деҳот ва асосҳои консептуалии шуғли алтернативӣ дар он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби дуюм – Арзёбии ҳолати шуғлнокӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори шуғлнокии аҳолии деҳот, сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди шуғлнокии алтернативӣ таҳқиқ шуда, тамоюли шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот арзёбӣ шудааст.

Боби сеюм - "Самтҳои асосии сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини рушди шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот" ба асоснок намудани роҳҳои асосии таҳкими шуғлнокии алтернативӣ дар доираи сиёсати рушди деҳот, такмили механизмҳои дастгирии давлатии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ва асосноккунии консепсияи муосири рушди шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот равона шудааст.

Назария ва методологияи таҳқиқоти мазкур ба корҳои илмии олимони классик дар самти назарияи иқтисодӣ, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корҳои илмии иқтисодчиёни хориҷӣ ва дохилӣ оид ба масъалаҳои истеҳсолот, манбаъҳои даромади аҳолии минтақаҳои деҳот, ки сатҳи баланди зиндагии мардумро таъмин менамоянд, тарҳи ҷойгиркунии фаъолиятҳои нави иқтисодии алтернативӣ ва мазмуну самтҳои сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва расмикунонии онро дар минтақаҳои деҳот муаяйн мекунад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалии дар он ифодаёфта дар таҳқиқотҳои минбаъдаи масъалаҳои шуғлнокӣ, махсусан таъмини шугли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти мамалакат истифода карда шаванд.

Мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро назарияи шуғл, роҳҳои методологии таҳқиқот, баҳогузорӣ ва танзими шуғлнокӣ ташкил дода ба васеътар намудани он имконият медиҳад.

Хулоса ва натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Данғара (солҳои 2012-2024), Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ (солҳои 2020-2023), дар ҳамоиши олимони ҷавони Тоҷикистон ва ғайраҳо баррасӣ шудаанд.

Ҳамчунин аз тарафи муаллиф дар рафти таҳқиқот усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, диалектикӣ, усули таҳлилию қиёсӣ, усули таҷрибавию озмоишӣ, усулҳои баҳодиҳии тағйирёбии нишондиҳандаҳо ва ғайраҳо истифода бурда шудаанд. Фарзияи таҳқиқот ба асоснок намудани тахмини нақши калидии таҳкими сиёсати давлатии шуғли аҳолии деҳот маҳз вобаста бо шуғли алтернативӣ (ғайрикишоварзӣ) ва объективияту фарогир будани ин навъи шуғл дар иқтисодиёти деҳот, ки на танҳо диверсификатсияи манбаъҳои даромади аҳолии минтақаҳои деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардумро таъмин менамояд, балки тарҳи ҷойгиркунии фаъолиятҳои нави иқтисодии ғайрикишоварзӣ ва мазмуну самтҳои сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва расмикунонии онро дар минтақаҳои деҳот муаяйн мекунад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалии дар он ифодаёфта имконият медиҳад, ки таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои шуғлнокӣ истифода карда шаванд. Инчунин, пояи назариявии таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун замина ҳангоми коркарди механизмҳои дастгирии давлатӣ ин намуди шуғлнокӣ истифода гардад. Мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият медиҳад, ки назарияи шуғл, роҳҳои методологии таҳқиқот, баҳогузорӣ ва танзими шуғлнокӣ васеъ гардонида шавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки нишондодҳои диссертатсияро метавон ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ ва маводи методӣ оид ба фанҳои «Назарияи иқтисод», «Иқтисодиёти меҳнат»,

«Ташкили КАС» ва курси махсуси «Шуғли аҳолӣ» ва ғайраҳо истифода кард. Тавсияҳои методии ташкили мониторинг ва омӯзиши шуғли ғайрикишоварзӣ ва танзими он дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, ки мо коркард намудаем, якчанд шуъбаҳои шуғли аҳолии ноҳияҳои ин минтақа барои иҷро қабул намудаанд

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки кори диссертатсионии Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, натиҷаҳои ба даст овардашудаи унвонҷӯй дорои нововарии илмӣ ва аҳамияти амалиро дар худ инъикос мекунанд, ки коркарди таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Кори диссертатсионии дар мавзӯи: «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Бинобар барои дифо ба Шурои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод карда мешавад. шавад.

**Роҳбарии илмӣ, муовини директори**
**Институти иқтисодиёт ва демография**
**АИ ҶТ, доктори илмҳои ииқтисодӣ,**
**профессор** **Мирсаидов А.Б.**

«09» 01 соли 2025

*Институти иқтисодиёт ва демография 734024 ш. Душанбе, куч. Мирзо Ризо 6а Тел. (992 37) 221-67-50, факс (992 37) 221-57-65, e-mail:* info@ied.tj

Инспектори шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Аюбӣ Ф.
«03» 01. соли 2025